Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Хулосаи**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ( маркетинг).**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” муҳим ва актуалӣ мебошад ва таҳқиқоти илмии баанҷомрасида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти илмӣ дар коркарди консепсияи ягонаи идоракунии ҷараёни ташкили такрористеҳсолот дар сатҳи корхона, ки аз механизми коркарди ҳадафҳо ва стратегияи рушди корхона иборат аст, афзоиш ёфта истодааст. Тавассути коркарди стратегияи маркетингӣ ҳар як корхонаи алоҳида дастрасии натиҷаҳоро имконпазир менамояд. Зеро дар шароити иқтисодиёти бозор фаъолияти хоҷагидории самаранок, таъмини рушди босубот ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир аз фаъолияти бевоситаи роҳбарият, муттахассисон, умуман аз фаъолияти менеҷменти корхона бевосита вобастагӣ дорад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи менеҷмент ва маркетинг ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ, ки вобаста ба он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №10/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Муқаррароти илмии асосие, ки мазмун ва мундариҷаи навгонии илмии диссертатсияро ташкил медиҳад, аз инҳо иборат аст:

– аз тарафи муаллиф консепсияи муосири идоракунии маркетингӣ, алалхусус консепсияҳои такмили ҷараёни истеҳсолот, сифати молу маҳсулот, пуршиддатии фаъолияти тиҷоратӣ, маркетинги маҷмаавӣ ва маркетинги иҷтимоӣ - рафторӣ низомбандӣ гардидааст. Дар асоси он ба мафҳуми тадқиқот саҳеҳии зерин ворид карда шуд: “Стратегияи маркетингӣ ин раванди хеле мураккаби таҳлилии эҷод ва банақшагирии дарозмуҳлати ҳадаф, маҳсулот, хароҷот, нархгузорӣ, сифат, таҳқиқу арзёбии вазъи бозор, сегментатсияи он, рафтор бо рақибон, муносибат бо муҳити беруна буда, баҳри афзоиши фоида, мустаҳкам намудани ҳисса дар бозор ва таъмини рақобатпазирӣ дар фаъолияти корхонаҳо мебошад”;

- исбот карда шудааст, ки арзёбии амалишавии стратегияи маркетингӣ ҷараёни мураккаб аст. Дар таҳлили самаранокии стратегияи маркетингӣ усулҳои гуногун, алалхусус усулҳои миқдорӣ, матритсавӣ, ки дар худ таҳлили “рушд / ҳисса”, таҳлили “афзалияти бозор / ҳолати фирма”, таҳлили “сикли ҳаётии соҳа” васеъ истифода бурда мешавад. Дар иқтисодиёти ватанӣ бештар

истифодабарии усули миқдорӣ ва матрисавии “рушд / ҳисса” имконпазир буда, кори тадқиқотӣ асоснок карда шудааст. Нишондиҳандаи арзёбии стратегияи маркетингӣ таъмини рақобатнокии корхонаҳо ва ҳамзамон ҷаззобияти соҳаро дар бар мегирад. Ба гурӯҳи якум нишондиҳандаҳои: ҳиссаи нисбӣ дар бозор, шабакаҳои тақсимоти молҳо, технология, таҷҳизот ва ҷойгиршавӣ, самарнокии истеҳсолот ва сифати мол, захираҳои истеҳсолот, иқтидори илмӣ - тадқиқотӣ, сатҳи хизматрасонӣ пас аз фурӯш дохил мешавад. Ба гурӯҳи дуюм нишондиҳандаҳои: - сатҳи рушди соҳа, - меъёри фоида, - аҳамияти бренд, - рақобаткунанда, - монеаҳои барои даромадан ба бозор, - сатҳи истифодабарии иқтидорҳои соҳа, - имконияти иваз намудани маҳсулот, - имиджи соҳа дар ҷамъият шомил мебошанд.

- таҷрибаи хориҷии стратегияҳои маркетингии корхонаҳо низомбандӣ гардида, дар асоси он ҷанбаҳои қабули амалиёти маркетингии хориҷӣ муайян гардидааст. Алалхусус аз таҷрибаи корхонаҳои амрикоӣ: - банизомдарорӣ, интихоби усули конвейерӣ; истифодабарии модели дисконтӣ дар фурӯш, хизматрасонии пас аз фурӯш, стратегияи маркетингии корхона барои рушди корхона равона гардидааст.

Аз ширкатҳои аврупоӣ:-мавҷудияти шуъбаҳои махсуси маркетингӣ, раванди баҳодиҳӣ, ташкили гурӯҳҳои мустақили коршиносони бозор;

Аз ширкатҳои Ҷопон: - стратегияи маркетингӣ барои сифати маҳсулот; ташкили фазои корӣ, системаи истеҳсолии бенуқсон; модели ҷопонии менеҷменти сифат, ҳамкории судманд байни соҳаи саноат ва ҳокимияти давлатӣ; консепсияи маркетингии ба талаботи истеъмолкунанда равона гардида;

- исбот карда шудааст, ки фаъолияти маркетингии ширкат заминаи асосӣ дар баланд бардоштани рақобатнокӣ, раванди доимии тавлиди ғояҳо, банақшагирӣ, назорати бозгашти онҳо буда, дар нишондодҳои самараноки такрористеҳсолот инъикос мегардад. Муқаррар гардидааст, ки дар таъмини рушди ММД солҳои охир соҳаи саноат дар самти пешравӣ мебошад. Дар масъалаи маҳсулнокии меҳнат мавқеи пешсафро саноати коркард гирифта,

пас аз он саноати нассоҷӣ, дӯзандагӣ ва саноати истихроҷ ҷой доранд. Онҳо дар коркарди стратегияи маркетингӣ имконниятҳои васеъ доранд. Дар байни саноати коркард истеҳсоли маҳсулоти хӯрока маҳсулнокии баланд дошта, дар дигар соҳаҳо хеле кам аст ва он дар коркарди стратегияи маркетингӣ душвориҳо эҷод менамояд. Корхонаҳои саноати нассоҷӣ, дӯзандагӣ, саноати кимиё (фарматсевтӣ) бояд фаъолияти худро бо воситаи ҷалб намудани технологияи нав, беҳтар намудани фаъолияти маркетингӣ пурзӯр намояд.

- низоми ташаккулёбии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои ватанӣ аз рӯи нишондодҳои натиҷавӣ арзёбӣ гардидааст. Аз он ҷумла дар маркетинг арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда аҳамияти махсус дорад, ки воридшавӣ ба бозор, нигоҳ доштани мавқеи худ дар он, идора намудани нарх муҳим аст. Муқаррар гардидааст, ки дар ҷумҳурӣ арзиши аслии маҳсулоти ангиштсанг, намаки ош, қувваи барқе, ки неругоҳҳои обӣ истеҳсол менамоянд, афзалиятҳо бо механизми нарх баланд бардоштани самараи фаъолияти маркетингӣ медиҳад. Баръакс дар истеҳсоли гӯшт, орд, биринҷ чунин имкониятҳо мавҷуд нест. Бақияи маҳсулоти истеҳсолшуда дар охири давраи ҳисоботӣ низ бо фурӯш алоқаманд аст, ки самараи сусти фаъолияти маркетингиро нишон медиҳад. Дар байни соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ вобаста ба ин масъала саноати нассоҷӣ, чарм ва маҳсулотҳои чармӣ, молҳои резинӣ ва пластикӣ, металлургӣ, саноати дӯзандагӣ дар онҳо ҳиссаи молҳои бафурӯшнарафта пешсаф мебошанд зиёданд. Дар оянда онҳо ба масъалаи ташкили фаъолияти маркетингие, ки ҳадафи асосиаш дарёфти истеъмолкунандагон мебошад, таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамоянд. Дар саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи молҳои бақия нисбат ба ҳаҷми истеҳсолот дар корхонаи муштарак ҶСП “Хуҷанд -пакижинг"-и шаҳри Хуҷанд, ҶДММ “Музаффар и К”, КВД “Захираи ғаллаи ноҳияи Шуғнон” нисбат ба дигар корхонаҳо зиёд аст. Дар бештари корхонаҳои саноатии коркард низ ҳиссаи молҳои бақия нисбат ба ҳаҷми истеҳсолот зиёд аст ва ин ҳолат зарурати таҷдиди фаъолияти маркетингиро ба миён мегузорад.

- дар асоси истифодабарии “усули матритсавии таҳқиқоти маркетингӣ” мавқеи корхонаҳо дар бозорҳои муайян арзёбӣ гардидааст, ки истеҳсоли гӯшти мурғи корхонаи ҶДММ “Мармарӣ”- и ноҳияи Шоҳмансур, ҶДММ "Фабрикаи мурғпарварии Беҳамто"-и ноҳияи Ёвон. Дар бозори орд мавқеи «Ситора»-ро ҶДММ "Хубҷамъ Инвест"-и шаҳри Бустон, дар бозори нахи пахта ҶДММ “Инсоф”-и ноҳияи Ҳамадонӣ, ҶДММ ШС "Рахшона"-и ноҳияи Ашт, ҶДММ "Юсуф-Саркор" ба даст овардаанд, чун пешсаф ба гурӯҳи «Ситора» ворид шуд, ки дар бозор ҳиссаи назаррас ва суръати рушд доранд. Инчунин дар бозори истеҳсоли гӯшти мурғ, ҶДММ "Мурғи Хонаобод"-и шаҳри Кулоб, ҶДММ «Мурғи Муъминобод»- и ноҳияи Муминобод, дар бозори нахи пахта ҶДММ "Зафариён"- и ноҳияи Б.Ғафуров, ҶДММ "Парвоз-1"- и ноҳияи Вахш, ҶДММ "Музаффар и К"- и ноҳияи Мастчоҳ, дар бозори орд ҶДММ "Стелло"-и шаҳри Душанбе, ҶДММ "Астана"-и ноҳияи Б.Ғафуров, ҶДММ "Сомон Кишоварз”-и ноҳияи Ҷ. Расулов, ҶДММ “Султони Ҳаким”-и ноҳияи Спитамен ба гурӯҳи ақибмонӣ бо ишораи “Сангпушт” ворид аст, ки онҳо суръати рушд ва ҳисса дар бозор хеле паст доранд, ки онҳо фаъолияти худро ҳам дар самти истеҳсолот ва ҳам дар самти маркетинг бояд пурзӯр намоянд, ки барои онҳо хавфи муфлисшавӣ дар назар дошта шудааст.

- амсилаи иқтисодӣ - математикӣ оид ба таъсири фишангҳои маркетингӣ вобаста ба натиҷаи нигаронӣ афзоиши ҳаҷми гардиши молҳои чакана коркард карда шудааст. Моҳияти амсила - тадқиқи фаъолияти маркетингӣ буда, вобаста аз вазъи савдои тиҷоратӣ, фурӯш дар бозори номуташаккил, даромаднокии аҳолӣ, миқдори шуғли аҳолӣ дар соҳаи савдо дар иқтисодиёт мебошад. Исбот гардидааст, ки зиёдшавии миқдори мутахассисони соҳаи савдо хусусияти ҳалкунандаи таъсиррасониро дорад. Дар асоси он тавсия ва пешниҳодҳо оид ба ташаккул ва таъмини самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои ватанӣ коркард карда шудааст.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ бо дақиқ ва саҳеҳии

маълумотҳо, интихоби усулҳои ҷолиби таҳқиқ, маводҳои кофии илмӣ, муқоиса бо натиҷаҳои илмии дигар олимоне, ки дар соҳаи мазкур кор кардаанд, коркарди мутобиқи омории натиҷаҳо дар доираи мавзуъ ва дар амал мутобиқшавии муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф исбот мегардад. Хулосаҳои илмӣ, самтҳои таҳқиқ ва асоснокии тавсияҳои пешниҳодшуда сатҳи эътимоднокии диссертатсияро инъикос мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар натиҷаҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ оварда шудааст.** дар омӯзиши адабиёт, коркард ва интихоби мавзуъ, муайян намудани ҳадаф, мавзуъ ва объекти тадқиқот, вазифаҳои тадқиқот ва ҳалли онҳо. Иҷрои бевоситаи масъалаҳои гузошташудаи тадқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, баромад бо мақолаҳои илмӣ оид ба мавзӯи илмӣ, дар конференсияҳои илмию - назариявии сатҳи байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ. Иштирок ва баррасии натиҷаҳои диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедра, факултет ва донишгоҳ ва ғайра исбот мешавад.

**Аҳамияти таҳқиқоти илмӣ илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳои оид ба истифодаи онҳо.**

дар таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва дар асоси он коркарди муқаррароти илмӣ бахри ғанӣ гардонидани консепсияи идоракунии маркетингӣ дар корхонаҳои ватанӣ, ворид намудани саҳеҳӣ ба категорияҳои таҳқиқот, ҳамчунин рушди асосҳои илмии коркарди стратегияи маркетингӣ дар раванди ҳоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ, ки барои мустаҳкам намудани рақобатнокии онҳо мусоидат мекунад, зоҳир мегардад. Он пеш аз ҳама ба рушди назария ва амалияи маркетингӣ дар илми иқтисодиёти ватанӣ мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он инъикос мегардад, ки муқарророти илмии коркардшуда, хулосаву тавсияҳои илмии ба даст омада ва пешниҳодшуда барои баланд бардоштани самараноки истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ, идора намудани фоиданокии корхонаҳои ватанӣ дар

қаламрави ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд ва дар фаъолияти амалии корхонаҳои ватанӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Натиҷаҳои муҳими тадқиқот аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд истифода бурда мешавад (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 4/13-430 аз 13.03.2024с).

Баъзе муқаррароти илмии кори тадқиқотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои “Маркетинг”, “Фаъолияти тиҷоратӣ ”, “Иқтисодиёти корхонаҳо”, “Стратегияи маркетингӣ” дар муассисаҳои таҳсилоти олии касби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос истифода бурда мешавад (маълумотномаи МДТ ДИС ДДТТ дар ш.Хуҷанд таҳти № 206 аз 11.03.2024с).

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақола бо ҳаҷми умумии 3,7 ҷ.ч., аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар диссертатсияи Юсупов Ғ.Ғ. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шуданд, ки риоя шудани талаботи муқаррарӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Юсупов Ғ.Ғ. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардида, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 бо тағйиру

иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, ба уҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА- 013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад;

- бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Бойматов Алиҷон Азизович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Худойназаров Шаҳриёр Худойқулович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе) факултети иқтисодиёт ва идоракунӣ, кафедраи менеҷмент ва маркетинг таъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Исмоилов М.М.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Ризозода Т.Р.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Дадоматов Д.Н.**

Имзои Исмоилов **М.М, Ризозода** Т.Р. ва Дадоматов Д.Н. – ро тасдиқ менамоям:

Котиби шурои диссертатсионӣ ______________Назаров Х.С.

“23“ 06 2025